# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Хоруғ, 2026**

Замони шуравӣ дар таърихи адабиёти муосири тоҷик ҷойгоҳи вижа дорад, зеро дар ин марҳилаи таърихӣ осори гаронмояи намояндагони форсии тоҷикӣ дар шакли самтҳои алоҳида омӯхта шудаанд. *Фирдавсишиносӣ* ҳамчун самти алоҳида дар замони шуравӣ (соли 1934) ба вуҷуд омада, то замони муосир аз ҷониби муҳаққиқон ва адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ яккатор корҳои зиёди илмӣ, адабӣ ва тарҷумавӣ анҷом шудаанд. Ба ин қатор Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, С. Айнӣ, Б. Ғафуров, А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, К. Айнӣ, Х. Отахонова, Х. Шарифзода, В. Самад, М. Муллоаҳмад, А. Сатторзода, А. Маҳмадаминов, Г. Шозиёева ва дигарон дохил мешаванд. Ҳарчанд муҳаққиқон ва донишмандони болозикр ба самти фирдавсишиносӣ таваҷҷуҳи вижа зоҳир карда бошанд ҳам, аммо ташаккули афкори адабии тоҷик дар заминаи самти *фирдавсишиносӣ* дар марҳалаи муайяни солҳои 50-80-уми асри XX бори нахуст анҷом шудааст.

Автореферати Одиназода Сафармоҳ Нурулло «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)», ки фишурдаи диссертатсияи илмӣ ба ҳисоб меравад, дар асоси талаботу дастури корҳои илмӣ навишта шуда, муҳтавои диссертатсияро ба таври пурра ифода мекунад. Масъалаҳои дар автореферат баёнгардида ҷойгоҳи сареҳи худро ёфтаанд. Масъалагузорӣ, муҳокимароиҳо ва натиҷагириҳо хеле хуб матраҳ шудаанд.

Аз таҳлили автореферати диссертатсия маълум гардид, ки диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8 фасл ва 3 зерфасл, хулоса, тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти

истифодашуда ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таҳия шудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар гузориши масъала зоҳир гардида, бори нахуст ба таври монографӣ таҳқиқ гардидани мавзуи мазкурро ифода намудааст. Мақсад ва вазифаҳои диссертатсия таҳқиқи ҳамаҷонибаи самти фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷики аҳди Шуравии солҳои 50-80-уми асри XX мебошад, ки диссертант ба мақсади худ расидааст.

Дар баробари бартариҳо ва муҳасанот дар автореферат баъзе норасоиҳо ба назар расиданд, киислоҳи онҳо ба назари мо бар манфиати кори илмӣ хохад буд:

1. Агар диссертант дар боби якум чанд нукта аз асри XIX меоварД, бар манфиати кори илмӣ хоҳад буд.

2. Дар автореферат корҳои илмии муҳаққиқони тоҷик ва рус мавриди пажуҳиши хуб қарор дода шудаанд. Зимни истифода кардан аз манобеи илмии муҳаққиқони дигари шуравӣ, арзиши кори илмиро меафзуд.

Маврид ба зикр аст, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, ислоҳпазиранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва амалии автореферати диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нуруллоро коста гардонида наметавонад.

Муаллифи рисола вазифаву ҳадафҳои илмии дар назди худ гузоштаашро ҳал намудааст ва автореферати диссетатсияи ӯ таҳқиқоти муҳим дар шинохти самти фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷики замони шуравӣ (солҳои 50-80-уми асри XX) дар адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки кори таҳқиқотии Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он шоистаи

дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои филологӣ,
саромӯзгори кафедраи адабиёти
тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Тоҳириён Зиёратшоҳ Шарифзода

«Имзои Тоҳириён З.Ш.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Исҳоқзода М.М.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: (8 32 22) 2-45-20; 2-22-53,
E-mail: bsu@mail.ru
26.08.2026